**Тақриз**
**ба диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.**
**– Душанбе, 2023, 343 саҳ.**

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омада, ки масъалаҳои мустаҳкам кардани пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи халқ ва гиромидошти арзишҳои фарҳанги милливу умумибашарӣ дар сиёсати давлат мавқеи асосӣ дошта, тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, шабакаҳои иҷтимоӣ вазифадоранд, ки фаъолияти худро доир ба ҳалли масъалаҳои зикршуда пеш аз ҳама, ҳифзи истиқлолият, инчунин, инкишофи тафаккури миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату ҷаҳонбинии аҳли ҷомеа, ҳифзи мероси гаронбаҳои миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи он ба ҷаҳониён тақвият бахшанд.

Аз ин хотир, гирдоварию омӯзиш ва пажуҳиши ҷиддии адабиёти гуфтории тоҷикон ҳамчун ганҷинаи бебаҳои адабӣ ва фарҳангӣ вазифаи аввалиндараҷаи аҳли илм буда, аз муҳаққиқон тақозои он менамояд, то ин ганҷи бебаҳоро муфассалу ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намуда, пешкаши аҳли ҷомеа гардонанд.

Суруд ҳамчун жанри қадимаи фолклорӣ бо рӯзгори мардуми тоҷик робитаи ногусастанӣ дорад. Тоҷикон ҳамчун мардуми бумии Осиёи Миёна дар ҳама ҳолат – ғаму шодӣ, ғурбату оворагӣ, тӯю сур пайваста аз суруд истифода менамуданд. Ин аст, ки сурудҳои мардумиро метавон яке аз навъҳои маъмули адабиёти гуфторӣ ҳисобид, ки дар ҳаёти маънавии мардум нақши боризро ҷойгузин аст.

Масъалаи муҳиму асосие, ки унвонҷӯ Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар рисолаи «Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ» ба он таваҷҷуҳ намудааст, масоили поэтикии сурудҳои халқист, ки яке аз масъалаҳои муҳими илми адабиётшиносӣ хосатан, фолклоршиносӣ ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқии мазкур аз зумраи мавзуъ ва масъалаҳои омӯзишиест, ки ба самти фолклоршиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** доктории Қосимӣ С.А. дар он ҳувайдо мегардад, ки ҳарчанд сурудҳои халқии тоҷикӣ то андозае аз ҷониби Р.Амонов, В.Асрорӣ, Н.Шакармамадов, Б.Шермуҳаммадов, Р.Раҳмонӣ ва

дигарон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст, аммо масъалаи поэтикаи суруд то имрӯз ҳамчун тадқиқоти монографӣ анҷом наёфтааст.

Диссертант аҳаммияту мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар он медонад, ки "суруд як гунаи адабиёти гуфтории ниёгони мост, ки бо тамомияти вижагиҳои фаровонии вариантҳо аз ҳар ҷиҳат сазовори баррасиҳои ҷиддиву илмист" (саҳ. 4).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин тадқиқоти муфассалу алоҳида роҷеъ ба поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ буда, дар он ҷамъоварӣ, интишорот, омӯзиш, муҳтаво, сохтор, васоити тасвири бадеӣ, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ таҳлил ва таҳқиқ шудааст. Мулоҳиза ва андешаву хулосаҳои диссертатсия махсусияти актуалӣ дошта, дар фолклоршиносии тоҷик мақоми шоистаро доро хоҳанд буд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он исбот мегардад, ки дар таҳқиқи диссертатсионии мазкур диссертант аз методологияи илмию назарии фолклоршиносони ватанию хориҷӣ кор гирифта, дараҷаи эътимоднокии он аз саҳеҳияти маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводу интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бархурдор аст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зуҳур ёфтааст, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои илмӣ ва равишҳои таҳқиқии диссертант барои рӯшан намудани масоили гуногуни назми гуфтории тоҷикон, назарияи навъҳои манзуми фолклорӣ нақши муҳим дошта, аз он дар таълифи дастуру васоити таълимӣ ва китобҳои дарсии адабиёти гуфторӣ метавон истифода бурд. Ҳамзамон, имкон дорад, ки истифодаи он дар таълими дарсҳои фолклор, назарияи адабиёт, таърихи адабиёти тоҷик ва таълифи корҳои курсию рисолаҳои бакалаврию магистрӣ ва номзадию доктории илми филология ва фарҳангшиносию мусиқишиносӣ қарор гирад.

Диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ интишор додааст, ки аз он 15 номгӯи мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Маводи интишоргашта нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни диссертатсияро мунъакис карда, саҳми шахсии муаллифро дар ҳалли масъалаҳои илмӣ исбот менамояд.

Диссертатсияи Қосимӣ С.А аз муқаддима, 4 боб, хулосаву тавсияҳо ва китобномаю нашри таълифоти илмӣ иборат аст.

Дар муқаддима диссертант оид ба аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиби амалии

натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, коркард, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот додааст, ки пурра ба талаботи рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Боби аввали диссертатсия **"Истилоҳ ва хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ"** унвон дошта, аз 2 зербоб ва 4 зерфасл иборат аст. Зербоби аввали боби якум масъалаи назарии **"Истилоҳи "суруд" ва муродифҳои он"** унвон дошта, диссертант талош намудааст, то истилоҳи "суруд"-ро аз нигоҳи фарҳангшиносон, муҳаққиқон ва назариячиён - Ҷ.Дӯстхоҳ, А.Деххудо, М.Муин, А.Деҳотӣ, Р.Амонов, Н.Шакармамадов, Б. Шермуҳаммедов, Д.Обидов, Ф.Зеҳнӣ, Р.Раҳмонӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон андешаҳои шахсии худро ҳам манзур намудааст. Диссертант хулоса мекунад, ки "... мантиқӣ аст, ки истилоҳи қадимии "суруд"-ро нисбат ба матнҳои зиёди фолклорӣ, ки асосан, ба таври овозӣ ва созӣ дар байни мардум дар рӯзҳои шодиву нишот сароида мешаванд, ба кор барем" (с.27).

Зербоби дуюми боби аввал **"Хусусиятҳои жанрии сурудҳои халқии тоҷикӣ"** ном дошта, ба 4 **зерфасл** тақсим шудааст. Диссертант дар зерфасли нахуст аввалан сурудҳои халқии тоҷикиро ба ду гурӯҳи калон – сурудҳои қадимаю ҳозира, ки онҳоро сарояндагони халқӣ месароянд ва сурудҳои китобӣ, ки онҳоро сарояндагони касбӣ месароянд, ҷудо карда, баъдан махсусияти жанрии онҳоро таҳқиқ намудааст.

**Зерфасли** дуюми боби аввал **"Тарона"** унвон дошта, диссертант маънои истилоҳӣ, муродифот, таърихи пайдоиш ва истифодабарии истилоҳи "тарона", сохтору вазн, оҳанг, шаклу истифодабарии он миёни мардуми кишвар ва ҳамзабонони бурунмарзиро нишон дода, хулоса мекунад, ки "Метавон ёдрас шуд, ки ин навъ қолаби шеърӣ, бо ҳамин вазну бо ҳамин оҳанг аз ҳамон замонҳои қадим то кунун аз байн нарафтааст, балки дар кишвари ҳамзабони мо Афғонистон овозхонҳои маҳаллӣ бештар дар сохтору вазну оҳанги мусиқии тарона воқеаҳои зиндагии худро месароянд" (саҳ.38).

Диссертант дар **зерфасли сеюми кор** хусусияти жанрии бадеҳаро матраҳ намуда, ба хулосае омадааст, ки "Бадеҳа дар воқеъ, суруд аст, суруде, ки ду кас бо шӯхӣ иҷро менамоянд" (саҳ.41), вале азбаски дар гузашта дар саҳна сурудхонии занон мамнуъ буд, бинобар ин онро ду мард – яке бо либоси занона ва дигаре бо либоси мардона иҷро менамуданд. Намунаҳои фаровони бадеҳа, ки диссертант дар кори таҳқиқотӣ овардааст, далолат ба он мекунад, ки паҳлуҳои гуногуни ин жанри фолклорӣ аз ҷониби Қосимӣ С.А. амиқ омӯхта шудааст. Диссертант ба масъалаи вазну сохтори бадеҳа таваҷҷуҳи вижа намуда, таъкид мекунад, ки "Бадеҳаҳо аз 10-12, 20-26 ва ҳатто то 50 мисраъ иборатанд. Аксари бадеҳаҳо бо вазни ҳиҷо гуфта

шудаанд, вале баъзе дар қолаби аруз низ мувофиқ меоянд» (саҳ.45), ки ин андеша қобили дастгирист.

Ногуфта намонад, ки адабиёти гуфторӣ баҳри бекарон ва дорои дурру гавҳари ноёб буда, аз навъҳои гуногун ва пурмуҳтаво иборат аст. Дар зерфасли чоруми боби аввал диссертант ба навъи дигар ва номашҳури сурудҳои халқии хоси мардуми Бадахшон – "Даргилик" назар карда, ин навъи сурудро аз нигоҳи сохтори овозӣ, мазмун ва оҳанг таҳқиқ намуда, вариантҳои зиёди ин суруди мардумиро нишон дода, хулосаи дурусти илмӣ баровардааст.

Як ҷиҳати хос ва шоистаи боби аввали диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки Қосимӣ С.А. бори нахуст дар фолклоршиносии тоҷик жанрҳои тарона, бадеҳа ва даргиликро асоснок зержанрҳои навъи суруд ҳисобидааст, ки пас аз баррасиҳои илмию хулосаҳои қатъии диссертант метавон ба он розӣ шуд.

Боби дуюми диссертатсияи Қосимӣ С.А. "Гирдоварӣ, нашр ва пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ" унвон дошта, аз 2 зербоб иборат аст

Зербоби аввали боби дуюм "**Гирдоварӣ ва нашри сурудҳои халқӣ**" ном дошта, дар он гирдоварии матнҳои фолклориро дар адабиётшиносии тоҷик аз ибтидои солҳои бистуму чилуми қарни гузашта муфассал бо дастоварду костагиҳояш баён карда, бо ҷадвал теъдод, унвон ва сарчашмаи сурудро нишон додааст, ки ба назари мо аз муҳассаноти рисола ба шумор меравад.

Диссертант ба чопи осори адабиёти гуфторӣ, хусусан жанри суруд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, осори чопшударо аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, гӯяндагон, сароянддагони эпоси халқии "Гурғулӣ", сурудҳои бачагона, мазмун ва мундариҷаи сурудҳои дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сурудро таҳлилу баррасӣ намудааст. Ба андешаи дурусти диссертант масъалаи гировардӣ ва нашри осори фолклорӣ асосан дар солҳои 20 ва 30-юми асри гузашта оғоз ёфта, дар он фолклоршиносон, мусиқишиносон ва мардумшиносон хидмати арзандаеро анҷом доданд ва натиҷаи ин заҳматҳо дар ду маҷмуаи «Намунаи фолклори тоҷик» (1938, 1940) ва «Фолклори тоҷик» (1957) пешкаши хонанда гардид.

Диссертант нашри маводи фолклориро аз рӯи принсипи хронологӣ-таҳқиқӣ аз солҳои 20-ум то солҳои 90-уми асри гузашта ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намудааст. Мусаллам аст, ки соҳибистиқлолии кишвар барои гирдоварӣ, нашр ва тарғиби адабиёти гуфторӣ имконияти хубро фароҳам овард ва муҳаққиқон дар ин давраи таърихӣ корҳои зиёди арзишмандро дар инкишофи фолклори тоҷик анҷом доданд. Диссертант маҷмуаҳои ба нашррасидаи марбут ба фолклори замони соҳибистиқлолии Тоҷикистонро аз нигоҳи мавзуъ, жанр, мазмуну мундариҷа таҳлили муқоисавӣ намуда, таъкид мекунад, ки «рушди

воситаҳои техникӣ ба монанди радио, телевизион, видео, интернет, телефони дастӣ ба густариши сурудҳои суннатии халқӣ таъсир расонида истодааст. Ҳатто баъзе анвои ин навъ сурудҳо дар ҳолати аз байн рафтан аст» (саҳ.87), ки ба андешаи диссертант мувофиқем.

Зербоби дуюми боби дуюм **“Пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ”** ба масъалаи пажуҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ пардохта муайян намудааст, ки пажуҳиши масъалаи мазкур асосан тавассути мақолаҳо ба роҳ монда шуда, муҳаққиқон дар маҷаллаву рӯзномаҳо оид ба ин масъала мақолаҳо чоп намуданд. Таҳлилу баррасии пажӯҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ ба андешаи мо аз ҷониби диссертант ҳамаҷониба ва муфассал буда, барои таҳқиқотҳои ояндаи ин соҳаи илм кори судманд аст. Диссертант мақола, китоб ва монографияҳое, ки тайи солҳои охир ба нашр расидааст, нақд ва баррасӣ намуда, хулоса мекунад, ки “...ҳамаи асарҳое, ки дар онҳо роҷеъ ба сурудҳои халқии тоҷикӣ баҳс шудааст, барои ба вуҷуд омадани корҳои ояндаи баррасии сурудҳо заминаи муносиб фароҳам овардаанд” (саҳ.124).

Боби сеюми диссертатсия **“Анвоъ ва мавзуъҳои сурудҳои халқии тоҷикӣ”** ном дошта, аз чанд зербоб ва 2 зерфасл иборат аст. Зербоби якум ба “**Масъалаи таснифоти сурудҳои халқии тоҷикӣ”** бахшида шуда, диссертант дар асоси маводи фаровони назарӣ сурудҳоро ба 8 гурӯҳ ҷудо намуда, ишора мекунад, ки ҳама навъи табақабандӣ нисбӣ аст. Воқеан, дастабандии муҳтавиёти жанрҳои адабиёти гуфторӣ, аз ҷумла жанри суруд ҳам яке аз масоили баҳсбарангези соҳаи фолклор ба ҳисоб меравад.

**“Сурудҳои марсимҳои мавсимӣ”** – чунин ном дорад, зербоби дуюми боби мазкур, ки роҷеъ ба муҳтавои сурудҳои ин гурӯҳи маросимҳо маълумоти лозимӣ додааст.

Мардуми тоҷик на танҳо дар рӯзҳои маросими тую арӯсӣ, балки дар рӯзҳои сахту шум ва маросимҳои мавсимӣ низ суруд мехонанд, ин масъаларо диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм бо номи “Сурудҳои маросимӣ” ҷой дода, суруди маросимҳоро даврабандӣ намуда, аз ҷиҳати этнолингвистӣ ва лингвофолклористӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. **“Сурудҳои маросими туй”** ва **“Сурудҳои маросими мотам**”, ки зерфаслҳои зербоби мазкурро ташкил медиҳад, низ аз тарафи диссертант даврабандӣ шуда, хусусияти ҳар давраи он бо далелҳои шайъӣ баён гардидааст. Зербоби чоруми боби мазкур **“Сурудҳои ғиноӣ”** ном дошта, Қосимӣ С.А. роҷеъ ба онҳо хулоса мекунад, ки “сурудҳои ғиноӣ дорои мавзуъҳои гуногун буда, дар онҳо эҳсоси отифаи инсонӣ нисбат ба воқеа, дарду алам, бештар муҳаббати ошиқу маъшуқ, висоли ёр, симои қаҳрамони лирикӣ ва баъзе ҷузъиёти назарраси маҳбуба дида мешавад” (саҳ.168). “**Сурудҳои таърихӣ”** зербоби панҷуми боби сеюм буда, диссертант сайри таърихии онҳоро аз суруди “Аз

Хуталон омадед” то сурудҳои таърихии асрҳои пешину имрӯза дар асоси маводи фаровон шарҳу тавзеҳ дода,  ба хулосаи дуруст омадааст, ки ин сурудҳо ба воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ тааллуқ доранд.

Зербоби шашуми боби сеюм ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи “Сурудҳои ҳамосӣ” бахшида шуда, дар он диссертант  бештар дар атрофи  силсилаи достонҳои ҳамосии миллии тоҷикӣ «Гӯрғулӣ» (“Гӯрӯғлӣ”) андешаҳояшро баён карда, хусусиятҳои хоси сурудани сурудҳои ҳамосиро  равшан намудааст.

Зербоби ҳафтуми боби мазкур “Сурудҳои ҳаҷвӣ” ном дошта, дар ин бахш роҷеъ ба сурудҳое, ки дар онҳо ҳазлу шӯхӣ, танзу танқид, писханду тамасхур, зарофатҳои вижа бо ҳаракатҳои хандадор, қиёфабозӣ ва амсоли ин, маъмулан, бо оҳанги шӯх суруда шуда, боиси дилхушии шунавандагон мегарданд, ибрози назар шудааст.

Зербоби ҳаштум “Сурудҳои динӣ” унвон гирифта, ин навъи сурудҳо асосан аз тариқи «мавлудномаҳо» дар байни мардум паҳн шуда, муаллиф доранд, вале дар натиҷаи дар маъракаҳо сурудани онҳо муаллифи аслии онҳо номаълум мондааст.

Зербоби нуҳуми боби сеюм “Сурудҳои «Алла» ва бачагона” унвон дошта, диссертант масоили сурудҳои «Алла» ва вариантҳои он, вижагиҳои сурудҳои бачагона ва мисолу намунаҳои онҳоро ба тадриҷ ва мӯшикофона тасвир кардааст.

Боби чоруми диссертатсия “Сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ” аст, ки аз 8 зербоб ва 9 зерфасл иборат аст.

Масъалаҳои  сохтор, нақарот, вазн, қофия ва радиф дар зербобҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми рисола бо нишон додани назария ва амалияи асосноки мавзуъҳо матраҳ шудаанд, ки ҳар кадоме дар алоҳидагӣ баён гардидаанд. Дар зербоби панҷуми боби чорум “Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои халқии тоҷикӣ”, ки аз нуҳ зерфасл аз қабили такрор, рамз, ташбеҳ, параллелизм, тавсиф, талмеҳ, муболиға, саволу ҷавоб, ширу шакар иборат аст, андешаҳои судманд бо нишондоди мисолу намунаҳои беҳтарин баён гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки зерфаслҳои болоӣ яке аз тозатарин ва қимматтарин маводи илмии диссертатсияи мазкур маҳсуб шуда, маҳз онҳо тавонистаанд, ки арзиши илмии диссертатсияро афзун намоянд.

**“Вариантнокии сурудҳои халқии тоҷикӣ”** ва **“Баъзе хусусиятҳои услубии сурудҳои халқии тоҷикӣ”**, ки идомаи зербобҳои боби чоруми диссертатсия мебошанд, бо нишондоди чандин сурудҳои халқӣ ва

вариантҳои онҳо ва махсусияти услубии сурудҳо ҷамъбасту натиҷагирӣ шудаанд.

Зербоби ҳаштуми боби чорум "Ҳамоҳангии суруд ва мусиқӣ" доир ба масъалаҳои назарии суруду мусиқӣ баҳс намуда, диссертант таъкид мекунад, ки "... ҳамбастагии суруд ва мусиқӣ бояд дар оянда бо ҷузъиёт аз ҷониби мусиқишиносон омӯхта шавад"(саҳ.293). Ин таъкид далолатгӯи он аст, ки мусиқӣ барои жанри суруд мисли он аст, ки "нон барои одам" бошад.

**Хулосаи диссертатсия** Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 16 банд оварда шудааст, ки муҳтавои асосии рисоларо фаро гирифтааст. Дар охири ҳар банди хулоса мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ нишон дода шудааст.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаашро ба пуррагӣ иҷро карда, як кори пурра ва пухтаи илмиро барои баррасию ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ пурра муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, агар диссертант зимни баррасии сохт ва вазни сурудҳои халқӣ баҳрҳои онро низ нишон медод ва ба василаи муқоиса муайян мекард, ки дар кадом вазн ва баҳр бештар сурудҳои халқӣ офарида мешавад;
2. Баъзе бандҳои "Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда" (бандҳои 2 ва 9) такрори бандҳои "Вазифаҳои таҳқиқ" аст, ки онҳоро бояд тағйир дод;
3. Дар зербобҳои аввали боби якуми диссертатсия муаллиф ба ҷойи тавзеҳи истилоҳи "суруд" ва муродифҳои он манзараи умумии инкишоф, таҳқиқ ва сабки сурудҳои халқиро баррасӣ менамуд, беҳтар буд;
4. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия аз рисола ва маҷмуаҳои М.Шарифова, Т.Ёров ва дигарон ёд шудаву маълумоти мухтасар дода мешавад, аммо бурду бохт ва нақши ин муҳаққиқон дар омӯзиши масоили марбути сурудҳои халқӣ мушаххас нишон дода нашудааст;
5. Баъзе унвонҳои зербобҳои диссертатсия, аз қабили "Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои халқии тоҷикӣ", "Вариантнокии сурудҳои халқии тоҷикӣ" ва "Баъзе хусусиятҳои услубии сурудҳои халқии тоҷикӣ"-ро илмитар бояд кард;

6. Дар ҷойҳои ишорашудаи дохили матни рисола агар ба маъхази маводи бойгонии муаллиф рақамгузорӣ мешуд, беҳтар буд;
7. Маълумот дар бораи гӯяндагони халқӣ (агарчӣ кам бошанд ҳам), агар дар охири диссертатсия дар алоҳидагӣ оварда мешуд, нураналонур мегардид.

Дар умум, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомёфта халал ворид намесозанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои диссертант пурра муҳтавои рисоларо баён намуда, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09 – Фолклоршиносӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва дигар самтҳою паҳлӯҳои таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” ба талаботи бандҳои 31-35-и Татиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ: Охониёзов Варқа Дустович
доктори илмҳои филология,
сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти
Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи
Б.Искандарови АМИТ
Суроға: 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Усмон Холдоров, 4
E - mail: shuwoz@mail.ru
Тел.: (+992) 93-593-16-93

Имзои доктори илми филология
Охониёзов В.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи
Б. Искандарови АМИТ Наврӯзова Ҳ.Ш.
Суроға: 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Усмон Холдоров, 4
E - mail: husniya.navruzova@mail.ru
Тел.: (+992) 939313155
«29» майи соли 2023